«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_______________ Сафарзода Д.Ҷ.
«30» сентябри 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, дар он хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мариди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Дар замони муосир дараҷаи таваҷҷуҳи шаҳрвандон нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба хусус мақомоти корҳои дохилӣ, ки бо фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ машғуланд, хеле афзуд, зеро вазъи

қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи касбият ва шуури ҳуқуқии онҳо вобаста аст.

Ҳамзамон вазъият ва дараҷаи ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ омили асосии самаранокии татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Ин аз он сабаб аст, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун субъекти татбиққунандаи қонун аз рӯи вазифаҳои худ ба шуури ҳуқуқии атрофиён таъсир мерасонанд. Онҳо ба шаҳрвандон ҳуқуқу ухдадориҳоро мефаҳмонанд, намунаи муносибати мусбат ба қонунҳоро нишон медиҳанд ва дар сиришти шаҳрвандон рафтори қонуниро ташаккул медиҳанд. Чи хеле, ки муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз медорад «Имрӯз амалияи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки дар самти сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон як андоза норасогиву камбудиҳо ҷой доранд» (с. 4). Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таваҷҷуҳ намуда, дар яке аз суханрониҳои худ роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро вазифадор намуданд, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва маҳорату малакаи касбӣ, сатҳи донишу маърифатнокӣ, донишҳои ҳуқуқиву сиёсӣ, инчунин, фарҳанги касбии кормандони соҳа таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, баҳри пешгирӣ намудани ҷинояту ҷинояткорӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

Ҳамзамон мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муаллиф бо таҳлили барномаву стратегияҳои давлатӣ, раванди амалигардии ислоҳоти милитсия, ҳисоботу оморҳои расмӣ ва натиҷаи назарсанҷии анҷомдода асоснок намудааст, ки ин бори дигар собит месозад, ки дар ҳақиқат сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ беҳбудиро тақозо менамояд.

Диссертатсия сохтори мантиқӣ ва муттасил дошта, ба муаллиф имкон додааст, ки мундариҷаи мавзуъро ба таври кофӣ ифшо намояд.

Муносибати муназзами муаллиф ба объекти таҳқиқот, ки бешубҳа, дурустии мавқеъҳои назариявӣ, хулосаву тавсияҳои амалии ӯро пурзӯртар мекунад. Рисола бо забони возеҳ ва дақиқи ҳуқуқӣ навишта шудааст. Мукарраротн барои дифоъ пешниҳодкардаи муаллиф мушаххас буда, хусусияти навоварӣ доранд.

**Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз 2 боб, 6 зербоб, хулоса, номгӯи адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтааст. Ҳаҷми умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ 261 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия – «Мафҳум ва моҳияти шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали боби якум – «Шуури ҳуқуқӣ: мафҳум, сохтор ва функсияҳои он» ном дошта, муаллиф ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст. Муаллиф барои ба таври зарурӣ таҳқиқ намудани шуури ҳуқуқӣ, бахусус шуури ҳуқуқии касбӣ ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ дар таносуб қарор дода, иброз менамояд, ки мақсади ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд. Иброз мегардад, ки шуури ҳуқуқӣ шарти муҳими фаъолити босифат ва натиҷаноки низоми ҳуқуқӣ буда, дар асоси он амалисозии вазифа ва мақсадҳои давлати ҳуқуқбунёд, таҳкими қонуният, татбиқи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Инчунин, диссертант дар идомаи таҳқиқот сохтори шуури ҳуқуқиро таҳлил намуда, функсияҳои он, ки дар илм асоснок гардидааст, мавриди назар қарор медиҳад ва намудҳои дигари функсияҳои шуури ҳуқуқӣ, аз ҷумла функсияи инсондӯстиро муайян ва асоснок намудааст.

Зербоби дуюми боби якум – «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» номгузорӣ гардидааст. Диссертант дар асоси таҳқиқи масъала иброз намудааст, ки омӯзиши илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун заминаи асосӣ ва муҳимми шуури ҳуқуқии касбӣ дониста мешавад. Зеро заминаҳои воқеӣ, мукаммал ва комили

донишҳои ҳуқуқӣ асоси шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад. Ҳамзамон, иброз мегардад, ки омӯзиши пурраи падидаҳои ҳуқуқӣ, соҳаҳои ҳуқуқӣ ва аз худ намудани дониши мукаммали ҳуқуқшиносӣ, ҷиҳати дарки дурусти меъёрҳои қонунгузорӣ, татбиқнамоӣ ва натиҷагирии он мусоидат менамояд.

Муаллиф иброз менамояд, ки барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ гирифтани маълумоти ҳуқуқшиносӣ, доштани сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқӣ, шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ муҳим буда, он асоси фаъолияти пурсамари соҳа ба ҳисоб меравад. Диссертант мафҳуми шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро пешниҳод намуда, онро ба ду сатҳ тақсим намудааст.

Зербоби сеюми боби якум – «Нақши таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ» ном дорад. Диссертант тарбияи ҳуқуқиро ҳамчун унсури меҳварии ташаккулдиҳандаи шуури ҳуқуқӣ арзёбӣ намудааст. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз менамояд, ки яке аз омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин таълим ва тарбияи ҳуқуқии мақсаднок, низомнок ва муташаккилона мебошад. Ҳамзамон таъкид мегардад, ки таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар баробари ташаккул додани шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ҳамзамон ҷиҳати риояи қатъии қонун, пешгирии амалу кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат намуда, барои баланд гардидани масъулиятнокии онҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ худтарбиякунӣ яке аз шаклҳои муҳимми тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ буда, он воситаи пурсамари ташаккули шуури ҳуқуқӣ мебошад. Муаллиф бар он назар аст, ки худтарбиякунии ҳуқуқӣ кафили рафтори ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ буда, ба масъулин дар шинохти масъулият, эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои дигарон, поймол накардани он, дурӣ ҷустан аз шиканҷа, амалҳои коррупсионӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамояд.

Боби дуюми диссертатсия «Ҳолати муосир ва рушди минбаъдаи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми ин боб ба масъалаи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ислоҳоти соҳа ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» бахшида шудааст. Муаллиф дар зербоби мазкур иброз менамояд, ки нақши ислоҳоти милитсия дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муҳим мебошад. Дар идомаи таҳқиқот диссертант нақши ислоҳоти милитсияро ҷиҳати бартарафсозии омилҳои манфӣ, аз қабили афзоиши ҳодисаҳои вайронкунии интизоми хизматӣ ва қонуният дар байни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, афзудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо бо иштироки онҳо, шикоятҳои шаҳрвандон аз дағаливу кашолкорӣ ва дигар амалу рафтори манфии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муҳим арзёбӣ менамояд.

Зербоби дуюми боби дуюм «Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ» номгузорӣ карда шудааст. Диссертант бар он назар аст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи хориҷӣ имконият фароҳам меорад, ки тарзу роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, пешгирии шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ ва кори тарбиявӣ дар фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ боз ҳам беҳтар гардад.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса меояд, ки дар давлатҳои хориҷӣ ба сатҳу сифати таълим ва тарбия, мутобиқати нақшаҳо, барномаҳо, мувофиқат ва пайдарҳамии омӯзиши соҳаҳои ҳуқуқ ва дигар илмҳои омӯхташаванда барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Муаллиф иброз менамояд, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ ба гирифтани маълумоти олӣ, бахусус маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ афзалият дода мешавад. Диссертант иброз менамояд, ки дар давлатҳои хориҷӣ исбот гардидааст, ки номзадҳои дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ, ки сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбиро соҳиб мегарданд, нисбат ба он

нафароне, ки маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ надоранд ба хизмати политсия қатъиян бартарӣ доранд. Дар давлатҳои хориҷӣ кормандони политсия, ки аз курсҳои дарозмуддат гузаштаанд, аз ҷониби роҳбарият баҳои мусбат гирифтаанд ва нишондиҳандаҳои баланди фаъолият доранд ва кормандони политсия, ки барномаҳои таълими касбиро кӯтоҳ аз худ кардаанд, эҳтимоли бештар вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар онҳо ҷой дорад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Нақши технологияи иттилоотӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» диссертант иброз менамояд, ки дар замони кунунӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти инсоният, пешравӣ ва тараққиёти ҷомеаро бидуни технологияи коммуникатсионӣ ва ё иттилоотӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст.

Муаллифи дессертатсия иброз менамояд, ки технологияҳои иттилоотӣ яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ буда, барои аҳолӣ роҳи соддаи дастрас намудани маълумотҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар идома қайд карда мешавад, ки дар замони муосир тавассути васоити ахбори омма, аз ҷумла телевизион, радио, сомонаҳои иҷтимоӣ баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус пайдо намудааст.

Диссертант бар он назар аст, ки технологияи иттилоотӣ натанҳо як воситаи муҳим дар пешгирӣ, ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳо барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муҳим арзёбӣ мегардад, балки маҳз тавассути технология имкони ташаккул додани шуури ҳуқуқии касбӣ боз ҳам осон мегардад. Тавассути технологияи итилоотӣ метавон саривақт аз қонунҳои қабулгардида, тағйиру иловаҳои воридгардида, қарору фармоишот ва ғайра соҳиби маълумотҳои зарурӣ гардид, ки дар ниҳоят ба сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таъсир хоҳад расонид.

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки диссертант масъалаҳо ва вазифаҳои гузоштаашро вобаста ба шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд ба таври

зарурӣ мавриди таҳқиқот қарор дода, натиҷаҳои мушаххаси илмиро пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ оид ба шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ташаккул додани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифода карда мешаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳавии кишвар, аз ҷумла қонунгузории самти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва қонунҳои дигар, метавон истифода бурд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. манзургардида дар хусуси инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар омода намудани воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, назарияи идоракунӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва дигар корҳои таҳқиқотию илмӣ истифода шаванд.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Ифодаи натиҷаҳои илмӣ дар нашрияҳо ва чорабиниҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар 13 мақолаи илмӣ (аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) нашр гардидааст. Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола авторефератро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, аз ҷумла:

**1.** Дар нуктаи якуми илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва саҳифаи 49-50 муаллиф қайд менамояд, ки бо дарназардошти таҳлил намудани тасннфи функсияҳои шуури ҳуқуқӣ, дар баробари дигар функсияҳо инчунин функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқӣ пешниход карда мешавад ва функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқиро чунин шарҳ медиҳад:

– функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқӣ – маҳз дар натиҷаи азхуднамоии донишҳои ҳуқуқӣ, талаботу арзишҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, дар асоси он эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба вуҷуд меояд. Ин ақидаи муаллиф як қатор саволҳоро ба миён меорад, ки ба сифати функсияи алоҳида тасниф намудани функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқӣ дар асоси кадом далелҳо пешниҳод шудааст ва мафҳуми манзур намуда оид ба функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқӣ то кадом сатҳ ба ҳайси функсияи алоҳида қабул намудан мумкин аст.

**2.** Муаллифи рисола дар нуктаи даҳуми илмии пешниҳоднамуда иброз медорад, ки дар шароити ислоҳоти соҳа ташкил намудани равзанаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ дар сомонаи расмии мақомоти корҳои дохилӣ ва

истифодаи самараноки он дар фаъолияти корӣ ҷиҳати ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамояд. Дар равзана бо мақсади дастрасии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҷой додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори самти фаъолият, низомнома, фармоиш, оиннома, ҳисоботи даврӣ, оморҳои содиргардии ҳуқуқвайронкуниҳо ва дигар санадҳои дахлдор мувофиқи мақсад мебошад. Дар мавриди ҷой доштани махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия», ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунӣ дар он ҷой дорад, зарурати ташкили чунин равзана чи аҳамият дорад. Аз ин рӯ аз муаллиф тақозо карда мешавад, ки дар рафти ҳимоя андешаи хешро боз ҳам возеҳ иброз менамуд.

**3.** Муаллиф дар саҳифаи 178 иброз менамояд, ки Низомнома дар бораи ташкили тайёрии ибтидоӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомот ва ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми апрели соли 2006, таҳти №260 дар таҳрири нав қабул карда шавад. Аз ин рӯ, муаллифро зарур аст, ки ҷиҳати фаҳмо гардидани андешааш ақидаи худро иброз менамуд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд, аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дороӣ мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад. Тақриз дар асоси муқарраротои мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар 10 нафар иштирок доштанд: тарафдор - 10 нафар, муқобил ва бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 2 аз 27 сентиябри соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Холинова Мижгона Мубаракшоевна номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис 10 нафар иштирок доштанд: тарафдор - 10 нафар, муқобил ва бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №2 аз 27 сентиябри соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Котиб:** мутахассис-коргузори кафедраи
назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозорова С.С.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам**:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.